Оё касе, ки дар дунё ӯро бо ду пой роҳ рафтан водоштааст, қодир нест рӯзи қиёмат ӯро он гуна водорад, ки бар рӯи чеҳраи худ роҳ равад"?

Аз Қатода (Раҳмати Худо бар ӯ бод) ривоят аст, ки гуфт: Анас ибни Молик ба мо гуфт: марде аз Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) пурсид, ки эй Паёмбари Аллоҳ! Кофир чигуна бар рӯяш ҳашр мешавад? Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "Оё касе, ки дар дунё ӯро бо ду пой роҳ рафтан водоштааст, қодир нест рӯзи қиёмат ӯро он гуна водорад, ки бар рӯи чеҳраи худ роҳ равад"? Қатода гуфт: Оре, ба иззат ва ҷалоли Парвардигорамон.

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Аз Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) пурсида шуд, ки кофир дар рӯзи қиёмат чигуна бар рӯяш ҳашр карда мешавад? Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: оё Худованд, ки ӯро дар дунё бо ду пой роҳ рафтан водоштааст, қодир нест ӯро дар рӯзи қиёмат он гуна водорад, ки бар рӯи чеҳраи худ роҳ равад! Худованд бар ҳама чиз қодиру тавоност.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65068